Суратҷаласаи №9

аз ҷаласаи васеи Шурои олимони факултети филология ва рӯзноманигории Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Данғара"

аз 21-уми апрели соли 2022 н. Данғара

Иштирок доштанд: декани факултети филология ва рӯзноманигорӣ н.и.ф., дотсент Қ.Н. Самардинов, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики н.и.ф., дотсент Д.С. Қодиров, н.и.ф., дотсент Қ. Пирхонова, н.и.п. Д.Ҷ. Ғафурова; саромӯзгорон М. Абдуманнонзода, Ҷ. Раҳмоналиев, А. Файзуллоев, Ҷ. Садирова, О. Салиева; ассисентон У. Ҷуракулзода, М. Шаробова, Ҳ. Мусо, М. Саъдуллоева, Ф. Ҳасанов; мукарризони холис д.и.ф., профессор И. Икромов ва н.и.ф, дотсент Р.Худоёрзода, д.и.ф., профессор О.Ш. Саидҷаъфаров ва дигар аъзои факултети филология ва рӯзноманигории Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Данғара"

Рӯзномаи маҷлис:

1. Баррасии диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз

рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ (таҳти роҳбари д.и.ф., профессор Нуров Нуралӣ Норович).

Нахуст, раиси Шурои факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи давлатии Данғара, н.и.ф., дотсент С. Самардинов ҷаласаро ифтитоҳ намуда, шахсият ва диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик»- ро, ки барои дарёфти дараҷаи номзади илми филология, аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ пешниҳод гардидааст, муаррифӣ намуд. Сипас, сухан барои гузориши мухтасар ба диссертант Давлатов У.М. дар бораи мухтаво ва навгонии илмии диссертатсия дода шуд.

Дисертант муҳимтарин нуктаҳои диссертатсияро ба тарзи зерин баён намуд.

Бино ба таъкиди муаллифи диссертатсия дар таърихи адабиёти муосири тоҷик Убайд Раҷаб дар қатори дигар анвои адабӣ дар ҷодаи эҷоди ёддошт мавқеи хосса дошта, дар жанри мазкур на танҳо соҳибсабк, балки соҳибмактаб низ мебошад. Зеро пас аз Убайд Раҷаб аксари шоирони муосири тоҷик тарзи ёддоштнависии ӯро истикбол намуда, дар пайравӣ аз сабки ӯ ба эҷоди ёддоштнависӣ саъй намуданд.

Диссертант бори аввал ба насри ёддоштии адабиёти навини тоҷик аз диди дигар ва дар асоси эҷодиёти як нафар адиб рӯй оварда, падидаҳои нав ва суннатҳои хоси онро дар таркиби осори насрии Убайд Раҷаб мавриди баррасӣ қарор додааст. Бо такя ба адабиётшиносии рус ва нависандагони Шарқу Ғарб ба чунин хулоса омадааст, ки насри ёддоштӣ аз адабиёти классикӣ, рус ва Шарқу Ғарб баҳра бардоштааст. Бори аввал, таҳқиқ дар атрофи чунин мавзуъ на танҳо дар муайян намудани яке аз чеҳраҳои адабии насри ёддоштии точик – Убайд Раҷаб аҳаммият дорад, балки дар шинохти таърихи ёддоштнависӣ дар фосилаҳои муайяни замонӣ- садаи бист мусоидат намуд. Ҳамчунин,

барраси мавзуъ имконият медиҳад, ки дар масъалаи ташаккул ва таҳаввули жанри ёддошт дар адабиёти муосири тоҷик, навгониҳои падидомада дар мавзӯъ, мундариҷа ва забону услуби он тасаввури возеҳ пайдо карда шавад. Ҳамзамон, таҳқиқи осори насрии Убайд Раҷаб аз нигоҳи мазмун, шакл, анъана ва навоварӣ, коргоҳи эҷодӣ, забон ва бадеият дар диссертатсия махсус таъкид гардидааст.

Убайд Раҷаб на танҳо дар адабиёти муосири тоҷик ва тарзи нигориши чунин жанр соҳибқалам гардид, балки дар таърихи адабиёти муосир аз шумори бузургтарин шоирон шинохта шудааст. Агар шуҳрати беназири Айнӣ дар наср бештар тавассути "Ёддошт"-и ӯ ба вуҷуд омада бошад, пас ин шуҳратро Убайд Раҷаб дар навиштани китобҳои ёддоштии хеш "Марди майдони талош", "Дӯш будам ҳамнишин", "Зинда ба ишқ" ва "То ҳаст оламе, то ҳаст одаме" ба даст овардааст. Ёддоштҳои Убайд Раҷаб яке аз намунаи олитарин дар жанри мазкур дар таърихи адабии муосир маҳсуб мешавад.

Жанри ёддошт ҳарчанд то ворид шудани Убайд Раҷаб ба саҳнаи адабиёти муосир тавассути осори бузургони адабиёти форсу тоҷик ва муосир Аҳмади Дониш, Зайниддин Маҳмуди Восифӣ, Садриддин Айнӣ, С.Улуғзода, Ҷ.Икромӣ ва дигарон ба ҳайси жанри алоҳида ташаккул ёфта, таҳаввул ва тараққии нисбии худро аз лиҳози ғояву мазмун ва сохтору шакл пайдо намудааст. Дар эҷодиёти Убайд Раҷаб ин жанр аз хама ҷиҳат ба дараҷаи зарурии инкишоф расид. Саҳми Убайд Раҷаб дар рушду инкишофи шакли зоҳирӣ ва ғояву мазмуни жанри ёддошт қобили таваҷҷуҳ аст.

Муаллифи диссертатсия дар бораи интихоби мавзуъ, максад ва ҳадафи кори илмии худ дар доираи вақти муқарраршуда баромад намуд. Аз суханронии мавсуф маълум гардид, ки диссертатсияи ӯ аз муқаддима, 3 боб (иборат аз 8 фасл) ва хулосаву феҳрасти манобеи истифодашуда иборат мебошад.

Инчунин, унвончӯ Давлатов У. дар назди худ мақсад гузоштааст, ки дар шиносоӣ бо адабиёти рус, Осиёву Аврупо ва дар асоси омӯзиш ва пажӯҳиши адабиёти классикии тоҷикӣ-форсӣ нуқтаи назари худро оид ба заминаҳои суннатии ёддоштнависӣ аз нигоҳи мазмун, шакл, анъана ва навоварӣ баён намояд. Дар ин замина, ҳадафи аслии таҳқиқот муайян намудани нақш ва мақоми Убайд Раҷаб дар инкишофи жанри ёддошт ва бозтоби махсусиятҳои сабкӣ ва мавзуии он дар осори насрии ӯ ба шумор меравад.

Аз ин хотир, ба омӯзиш ва пажӯҳиш ин мавзуи муҳимми насри муосири тоҷик иқдом варзида, ҳалли илмии масоили зеринро ҳадафи асосии тадқиқоти хеш қарор додем:

- муайян кардани анъанаҳои суннатии ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик, ки аз адабиёти классикии форсу тоҷик, русу ИДМ маншаъ гирифтаанд;
- баррасии мазмун ва шакли ёддоштнависӣ дар осори Убайд Раҷаб ва алоқаи он ба адабиёти классикию шифоҳӣ;
- таҳқиқ дар фаъолияти нависандагии Убайд Раҷаб ва анвои жанрии осори ёддоштии ӯ;
-таъйини мавқеи ёддошт дар эҷодиёти Убайд Раҷаб;
-таваҷҷуҳ ба фаъолияти родмардони ботаҷрибаи ҳифзи ҳуқуқ дар насри Убайд Раҷаб дар мисоли ҳикоя ва қиссаҳои воқеии китоби “Марди майдони талош”;
- таҳлили хусусиятҳои ғоявӣ, мавзӯӣ ва услубии ёддоштҳои Убайд Раҷаб;
- муайян кардани шинохти чеҳраҳои фарҳангӣ, ҳозирҷавобӣ, ҷузъиётбинӣ, инсондӯстӣ дар насри Убайд Раҷаб;
- чеҳраи адабӣ ва фарҳангии Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода дар насри Убайд Раҷаб ва нақши нависанда дар эҷоди шахсияти адабии ӯ;
- таҳқиқу баррасии вежагиҳои забонӣ ва сабки осори насрии Убайд Раҷаб.

Баъди баёни муҳтавои диссертатсия бахши муҳокима оғоз гардид. Дотсент Қодиров Д. доир ба корҳои аз ҷониби муҳаққиқ анҷомёфта изҳори назар намуда, ҳамчунин савол пешниҳод кард, ки кадом донишмандони рус дар асри XIX роҷеъ ба вижагиҳои жанрии ёддошт ва сафарнома андешаҳои хешро баён доштаанд, ба таври мухтасар шарҳ диҳед.

**Ҷавоб.** Донишмандони рус В. Г. Белинский, Н. Г. Чернишевский, Н. А. Добролюбов доир ба хусусиятҳои жанри ёддошт пажӯҳишҳои судманд ба сомон расондаанд, ки таҳқиқоти онҳо барои муҳаққиқони баъдӣ ҳамчун роҳнамо хидмат мекунанд.

**Савол.** Пирхонова Қ.: Садриддин Айнӣ бо навиштани асари гаронарзиши “Ёддоштҳо”-и хеш ба эҷоди навъи мустақили ёддошт дар адабиёти муосири тоҷик асос гузошт ва ин анъана дар эҷодиёти кадом нависандагон идома ёфт?

**Ҷавоб.** Анъанаи мазкур дар эҷодиёти Ҷалол Икромӣ, Сотим Улуғзода, Фазлиддин Муҳаммадиев, Урун Кӯҳзод, Абдулҳамид Самад, Саттор Турсун, Убайд Раҷаб ва чанде дигарон идома ёфтааст.

**Савол.** Самардинов Қ.Н.: Убайд Раҷаб дар таърихи адабиёти муосири тоҷик бо кадом васила мақоми устувор пайдо карда буд?

**Ҷавоб.** Убайд Раҷаб, қабл аз ҳама, шоири бачагона буда, маҳз ба василаи қиссаю ҳикояҳои бачагона ва ёддоштиаш дар адабиёти муосири тоҷик ҳамчун шоири нававар эътибор касб намудааст.

**Савол.** Икромов И.: Дар адабиёти форсу тоҷик аввалин сафарнома ба кӣ тааллуқ дорад?

**Ҷавоб:** Дар адабиёти классикии мо нахустин сафарнома мутааллиқ ба Носири Хусрав мебошад, ки дар асри ёздаҳуми мелодӣ нигошта шудааст. Асари ӯ гузорише аст аз сафари ҳафтсола аз зодгоҳаш Хуросон то Миср ва бозгашти ӯ ба ватан. «Сафарнома», дар воқеъ, дастоварди ин сафар аст ва ҳовии иттилооти дақиқу гаронбаҳои ҷуғрофиву таърихӣ ва баёни одот ва одоби мардуми сарзаминҳои гуногун аст.

**Савол.** Раҳмоналиев Ҷ.: Зиндагинома дар адабиёти форсу тоҷик бо кадом номҳои зикр гардидааст?

**Ҷавоб.** Чи тавре ки маълум аст, зиндагинома дар адабиёти форсу тоҷик бо номҳои шарҳи ҳол, сира, мағозӣ, тазкира, ёднома ва ғайра ёд шудааст.

Ба ҳамаи саволҳои манзуршуда диссертант посуххои амик ва мушаххас дод.

Баъдан, баррасии диссертатсияи унвоҷӯ аз ҷониби муқарризи холис, устоди кафедраи адабиёти тоҷики Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав" д.и.ф., профессор И. Икромов сурат гирифт. Мавсуф андешаҳои худро оид ба диссертатсия ироа намуда, баён карданд, ки диссертатсия бо ин ки аз баъзе камбудиҳо орӣ нест, аз нигоҳи куллӣ кори анҷомёфта маҳсуб мешавад. Мавзуи диссертатсия дархӯри замон буда, аз ҷиҳати бандубаст ба талаботи услуби илмӣ нигориш шудааст. Бемуҳобо, ҳар қисмате аз он бо масоиле, ки дар худ дорад, шоистаи як таҳқиқоти тозаест. Диссертант тавонистааст ба ҳадафҳои дар наздаш гузошташуда ноил гардад. Зимнан, номбурда таъкид карданд, ки дар рисола чо-чо сактаи услуби илмӣ, ки махсуси сабки нигориши осори таҳқиқотист, ба мушоҳида мерасид. Бартарафуислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Муқарризи холиси дуюм Раҷабалӣ Худоёрзода – номзади илмҳои филологӣ,
директори Маркази илмӣ-таҳқиқотии "Мавлоношиносӣ"-и Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав андешаҳои худро оид ба диссертатсия баён карда, таъкид кард, ки он аз ҷиҳати муҳтаво, банду баст, ба нигориши рисолаҳои илмӣ комилан мувофик мебошад. Дар диссертатсия як силсила ғалатҳои имлоӣ, техникӣ, китобатӣ ва услубӣ мушоҳида мешаванд, ки ислоҳи онҳо арзиши диссерататсиро дучанд менамояд.

Дигар ин ки такрори баъзе аз ҷумлаҳо дар бобҳои алоҳидаи диссертатсия, аз нуктаҳои дигари заъф маҳсуб шуда, ки бар ҳусни кор костагӣ зам мекунад. Дар умум, диссерататсия ба талаботи пешниҳоднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои навиштани рисолаҳои номзадӣ мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи номзади илми филологӣ аз рӯи ихтисосӣ 10.01.01– Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ сазовор аст.

Дар баромади муқарризони холис д.и.ф., профессор Икромов И. ва н.и.ф., дотсент Худоёрзода Р.С. ва тақризи онҳо таҳқиқоти диссертатсионии Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевичро мусбат арзёбӣ шуд.

Ҷаласаи Шурои олимони факултети филология ва рӯзноманигории Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Данғара" пас аз баррасии масъалаи мазкур дар асоси фикру андешаҳои баёнгардида,

ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:

1. Диссертатсияи Давлатов Умаралӣ Мирзоалиевич дар мавзуи «Убайд Раҷаб ва анъанаи ёддоштнависӣ дар адабиёти муосири тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ барои дифоъ ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-037 назди Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" пешниҳод карда шавад.

2. Тамоми эродҳои зикршуда то пешниҳод ба зинаҳои минбаъдаи баррасӣ дар кӯтоҳтарин муҳлат аз ҷониби унвонҷӯ бартараф карда шаванд.

Хулоса дар ҷаласаи Шурои олимони факултети филология ва рӯзноманигории Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Данғара" аз 21.04.2022, № 9 қабул шудааст.

Дар ҷаласа ҳузур доштанд: 15 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “ҷонибдор” – 15 нафар; “муқобил” – нест; “бетараф” – нест.

Протоколи № 9, аз 21 апрели соли 2022.

Раисикунанда: раиси Шурои олимони факултети
филология ва рӯзноманигории Муассисаи давлатии
таълимии “Донишгоҳи давлатии Данғара”
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Самардинов Қ.Н.

Котиби ҷаласа: котиби Шурои олимони
факултети филология ва рӯзноманигорӣ Файзуллоев А.Ҳ.

Имзои Қ.Н. Самардинов ва А.Ҳ.Файзуллоев- ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Муассисаи давлатии таълимии
“Донишгоҳи давлатии Данғара” Ҷаббори Н.Ч.

ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН * ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА * ШУЪБАИ КАДРҲО